| № | Таҳлили таъсири танзимкунии лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи манъ намудани воридот, истеҳсол ва ба фурӯш баровардани лампаҳои симобдор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” | |
|---|---|---|
| 1 | Намуд ва номи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи манъ намудани воридот, истеҳсол ва ба фурӯш баровардани лампаҳои симобдор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” |
| 2 | Маълумот дар бораи таҳиякунандаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 3 | Доираи шахсоне, ки санади меъёрии ҳуқуқӣ нисбат ба онҳо паҳн мегардад | Субъектоне, ки дар соҳаи воридот, истеҳсол намудан ва ба фурӯш баровардани лампаҳои симобдор иштирок менамоянд. |
| 4 | Мухлати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ | 1 январи соли 2022 |
| 5 | Маълумот дар бораи ҷойгир намудани огоҳинома оид ба таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Огоҳинома дар бораи таҳияи лоиҳаи қарори мазкур дар Феҳристи нақшаи таҳияи лоиҳаи санади маъёрии ҳуқуқии Портали интернетии иттилоотии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 ноябри соли 2021 ҷойгир карда шуда, машварати оммавӣ нисбати лоиҳаи қарори мазкур аз 3 ноябр то 4 декабри соли 2021 гузаронида шуд |
| 6 | Маҷмӯи таклифҳои аз рӯи натиҷаи ҷойгиронии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии воридгардида ва хулосаи таҳиякунанда оид ба онҳо | Аз руйи натиҷаи ҷойгиркунии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи қарори мазкур аз тарафи мақомоти давлатӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ таклифу пешниҳод ворид нагардидааст |
| 7 | Тавсифи мушкилот, ки барои ҳал намудани он қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ зарур аст ва | Бо мақсади таъмин намудани аҳолии мамлакат бо барқ дар фасли зимистон, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 апрели соли 2009, №653 «Дар бораи тадбирҳои иловагии истифодаи |

| | | |
|---|---|---|
| | оқибатҳои эҳтимолии он дар ҳолате, ки агар ягон амал андешида нашавад | сарфаҷӯёнаи энергия» ба тасвиб расид. Бо мақсади ҳарчи бехтар таъмин намудани аҳолӣ бо нерӯи барқ ва ба роҳ мондани истифодаи сарфаҷӯёнаи он, инчунин истифодаи васеи асбобу таҷҳизоти каммасрафи барқӣ, дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 майи соли 2009 истифодабарии лампаҳои каммасрафи барқӣ ба ҷойи лампаҳои тафсон оғоз гардид.<br>Истифодабарии лампаҳои каммасрафи барқӣ, ки бо ташаббуси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардида, барои сарфакорона истифода гаштани захираҳои тавлидкунандаи барқ, махсусан дар фасли зимистон, ки ҷумҳурӣ танқисӣ мекашид, амали саривақтӣ ва муфид буд. Дар ин росто зарурияти ташкил намудани системаи безараргардонии ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, интиқол ва коркарди лампаҳои каммасрафи симобдор ба миён омад, ки он воридоти техникаву технологияи зарурӣ ва манбаъҳои молиявиро талаб мекард.<br>Дар ин замина «Қоидаҳои ҷамъоварии лампаҳои аз истифода баромадаи симобдор аз аҳолӣ, шахсони ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ, интиқол ва безараргардонии онҳо» таҳия гардида, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2011, №97 «Дар бораи тадбирҳо оид ба ташкил намудани системаи безараргардонии ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, интиқол ва коркарди лампаҳои симобдор» тасдиқ карда шуд.<br>Қоидаҳои мазкур тартиби муносибат бо партовҳои лампаҳои каммасрафи барқии люминисентӣ ва дигар лампаҳои симобдори аз истифода баромада, ки ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, истифодабарӣ, безараргардонӣ, интиқол ва ҷойгиронии нодурусти онҳо метавонад боиси расонидани зарар ба ҳаёт, саломатии аҳолӣ, ҳайвонот, наботот ва муҳити зист гардад, муқаррар менамояд.<br>Тибқи талаботи банди 1 қарори болозикри Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии |

Тоҷикистон, Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ», мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот вазифадор гардидаанд, ки дар давоми солҳои 2011-2012 бо ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ, грантҳо барои харидорӣ ва ба истифода додани на камтар аз панҷ адад дастгоҳи безараргардонии лампаҳои симобдори аз истифода баромада тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Вале, мутаассифона, талаботи банди 1-и карори мазкур аз тарафи вазорату идораҳои дахлдор то ба имрӯз ҳалли худро наёфтааст.

Дар ҷумҳурӣ аз давраи қабули қарори мазкур то ба имрӯз тибқи маълумоти пешниҳодгардида 1765 нуктаи қабули лампаҳои симобдори каммасрафи аз истифода баромада ташкил карда шуда, аз аҳолӣ, ташкилоту муассисаҳо ва корхонаҳо ба миқдори 1402898 адад лампаҳои симобдори аз истифода баромада ҷамъоварӣ гашта, дар нуқтаҳои қабули муассисаҳои хоҷагии манзилию коммуналии вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва корхонаҳо нигоҳ дошта мешаванд.

Солҳои охир шаҳрвандони ҷумҳурӣ зараровар будани лампаҳои каммасрафи симобдорро дарк намуда, аз истифодаи чунин лампаҳо даст кашида истодаанд. Айни замон дар аксари хонаҳои истиқоматӣ, корхонаву муассисаҳо ва кӯчаву хиёбонҳо лампаҳои каммасрафи нуридиодӣ истифода бурда мешаванд, ки аз лиҳози экологӣ безарар, инчунин арзон ва каммасраф мебошанд.

Тибқи тадқиқотҳои мавҷуда вазъи экологӣ дар ҷумҳурӣ имрӯз қаноатбахш арзёбӣ мегардад, аммо барои ҳифзи муҳити зист ва саломатии аҳолӣ аз ҳамагуна партовҳо, аз ҷумла партовҳои лампаҳои симобдор, ки ба талаботи экологӣ ва санитарӣ ҷавобгӯй нестанд, бояд тадбирҳои зарурӣ андешида шаванд.

Тибқи меъёрҳои санитарӣ ҳадди ҷоизи ғизлати

| | | |
|---|---|---|
| | | симоб дар ҳавои атмосфераи биноҳои истиқоматию ҷамъиятӣ бояд 0,0003мг/м$^3$-ро ташкил кунад. Дар таркиби як адад лампаи каммасрафи симобдор бошад, ба ҳисоби миёна 2-7 мг симоб мавҷуд аст, ки ин хатари ҷиддии экологӣ мебошад. Ҷамъоварии лампаҳои мазкур бошад, имрӯз танҳо 18-20%-ро ташкил мекунад. Дар сурати шикастани танҳо як лампа ғизлати буғи симоб дар ҳавои атмосфера мумкин аст аз ҳадди ҷоизи ғизлат беш аз 160 маротиба зиёд шавад. Ҳамин тавр таҳдид намудани зарари лампаҳои аз истифода баромадаи симобдор ба саломатии аҳолӣ ва муҳити зист аз эътимол дур набуда, аз мақомоти марбутаи салоҳиятдор чораҷӯии таъҷилиро тақозо менамояд. |
| 8 | Ифодаи мақсадҳои дахолати давлат | Мақсади дахолати давлат ҳифзи саломатии аҳолӣ ва пешгирии ифлосшавии муҳити зист аз ҳамагуна партовҳо, аз ҷумла партовҳои лампаҳои симобдор. |
| 9 | Тавсифи мухтасари лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, аз ҷумла чораҳои пешбинишудаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, уҳдадорӣ ва маҳдудиятҳо барои субъектҳои соҳибкорӣ, асоснокунии интихоби роҳи ҳалли чунин мушкилот | Лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи манъ намудани воридот, истеҳсол ва ба фурӯш баровардани лампаҳои симобдор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" тибқи талаботи моддаи 18 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон», моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи муҳити зист" ва моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи партовҳои истеҳсолӣ ва истеъмолӣ", бо мақсади ҳифзи саломатии аҳолӣ ва пешгирии ифлосшавии муҳити зист аз ҳамагуна партовҳо, аз ҷумла партовҳои лампаҳои симобдор таҳия ва пешниҳод карда шудааст.<br>Дар лоиҳаи пешниҳодшуда, чораҳои зерин пешбинӣ гардидааст:<br>- ташкил намудани системаи безараргардонии ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, интиқол ва коркарди лампаҳои каммасрафи симобдор;<br>- манъ намудани воридоти лампаҳои симобдор;<br>- манъ намудани истеҳсоли лампаҳои симобдор;<br>- манъ намудани ба фурӯш баровардани лампаҳои симобдор.<br>Лоиҳаи қарори мазкур чунин уҳдадориҳоро барои |

| | | |
|---|---|---|
| | | субъектҳои соҳибкорӣ пешбинӣ шудааст:<br>Истеҳсоли лампаҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза ва бехатар.<br>Лоиҳаи қарори мазкур чунин маҳдудиятҳоро барои субъектҳои соҳибкорӣ пешбинӣ менамояд:<br>манъ намудани воридот, истеҳсол ва ба фурӯш баровардани лампаҳои симобдор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. |
| 10 | Тавсифи роҳҳои ҳалли мушкилоти баррасишуда (бидуни таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ) | Чораҳои андешидашуда роҳи ҳалли масъалаи мазкур набуда, бидуни таҳия ва қабули қонуни мазкур ба роҳ монда намешавад. |
| 11 | Арзёбии муфассали хароҷоти буҷети давлатӣ эҳтимолияти оқибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар ҳолати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ ва ё роҳи дигари интихобшудаи ҳалли мушкилот | Қабули лоиҳаи қарори пешниҳодшаванда аз буҷети давлатӣ маблағҳои иловагиро талаб намекунад.<br>Оқибатҳои иҷтимоии лоиҳаи мазкур:<br>- сатҳи маърифатнокии ҳуқукии аҳолӣ баланд мегардад;<br>- ҳифзи муҳити зист ва саломатии аҳолӣ;<br>- истифодаи лампаҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза ва бехатар.<br>Оқибати иқтисодии лоиҳаи мазкур:<br>Таъмини бозори дохилӣ бо лампаҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза ва бехатар. |
| 12 | Нишондиҳандаҳои арзёбии инкишоф ва даврияти ҷамъоварии он | Иқтидори истеҳсолии корхонаи нави саноатӣ дар марҳилаи аввал 1,2 миллион, марҳилаи дуюм 12 миллион ва дар марҳилаи сеюм 20 миллион дона фурӯзонакҳои нуридиодӣ ва дигар таҷҳизоти равшанидиҳанда дар як сол буда, талаботи ҷумҳуриро метавонад давра ба давра бо маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ таъмин намояд. |
| 13 | Санаи эҳтимолии мавриди амал қарор додани санади меъёрии ҳуқуқӣ дар сурати қабули он | 1 январи соли 2022 |

Муовини раис Мавлодод А. М.